# Тиреза

Бюллетен

ОНҶОЕ, КИ ОДАМОН ВА ЭҶОДИЁТ ВОМЕХӮРАНД

ҶИЛДИ 2, НАШРИ 3

| Чорабиниҳои асосӣ: |

*11-12 Апрел*
Ярмаркаи касби

*22-26 Апрел*
Ҳафтаи синамои экологӣ

*30.04-03.05*
Фестивали мусиқиро джаз

| Дар ин нашр: |


Зинда бод санъати ҳаётан муҳим! 2

Маҳви бе саводӣ аз ширкати «Империя Музыки» 3-4

Саёҳат дар “Дашти вахшӣ” 4

Таъқиб ва куштор … о пьесе «Безумие. Год 93» 5

Фарҳанги анъанавиро муҳофизату эҳё намудан ва ба он зиндагии нав бахшидан лозим. 6





www.bactria.net


BACTRIA

Культурный Центр "Бактрия"
734000, Душанбе
ул. Мирзо Ризо 22

Bactria Culture Centre
Mirzo Rizo Street 22
734000, Dushanbe

+(992) 227-03-69
227-02-57
bactria@acted.org

ACTED

## Зинда бод санъати ҳаётан муҳим!

Модари танҳои серфарзанди аз кор озод карда шуда, бо муборизаи худ адолатиро аз саноати бузург металабад, ки партовҳои истеҳсолии он ҳамаи мавҷудоти зиндаро дар гирдуатроф нобуд мекунад. Он инчунин сабаби ба касалиҳои вазнин гирифтор шудани аҳолии маҳаллӣ мешавад, ки онҳо бо қарори суд подоши бисёрмиллионаро мегиранду, Эрин Брокович бошад – ҳамон модари танҳои бекор, фоизҳои калонро мегирифт. Саноати бузург дар пеши мардум ба гуноҳи худ иқрор мешавад ва бо истеҳсолкунии аз ҷиҳати иҷтимоӣ бо масъулият, бо риояи ҳамаи талаботҳои бехатарии экологӣ корашро оғоз мекунад. Ва ин тасвири навори ташвиқотии гурӯҳи маҳаллии эко-фаъолон нест, балки мундариҷаи сужети дусоатаи филми голивуд бо иштироки Ҷулия Робертс дар нақши асосӣ мебошад.



Санъати аз ҷиҳати иҷтимоӣ бо масъулият – ба инкоркунии нозпарвардии аҷдоди ин равия нигоҳ накарда, ки реализми қатъӣ бо авангард буданд ва масхараи ин ҳам дар давраи постмодернизми асри XX яке аз пешрафтатарин арт-таҷрибаҳо мешавад. Ба ҳунарманд расонида мешавад, ки дар бораи муҳити воқеӣ ҳақиқатро гӯяд ва на фақат танҳо ба мусоҳибаи чуқурфикронаи ақлӣ дар бораи моҳият ва шакли санъат дарояд. Ҳар кас инро бо тарзи худ мекунад – дар Голивуд филмҳоеро ба навор мегиранд, ки аз он дар чашмони занони хонашин ашк пайдо мешавад ва дар дили онҳо бовари пайдо мешавад, ки адолатро ёфтан мумкин мебошад, ва илова бар ин беҳбудии молиявиро, фоҷиаи иҷтимоиро.

Ҳунарманди эронӣ Аҳмад Надалиан бошад ба дарёчаҳо ва кӯлчаҳои тамоми дунё моҳичаҳои сангини худро сар медиҳад.

Бо суханони пурдабдаба ё амалҳои самимона, фарҳанги оммавӣ ва санъати баланд, ҳамҷоя дар қаъри проблемаҳои иҷтимоӣ гирифтор мешаванд, кӯшиш мекунанд, ки ҷавоб диҳанд ё саволҳои навро ба пеш гузоранд. Ҳунарманд - бо маънои васеъи ин калима, на танҳо инъикосгари мақсадҳои олӣ мешавад, балки инчунин фаоли ҷомеа мебошад. Таҷрибаи ҳунармандӣ аз тасвироти молихулиёгӣ дур шуда, амалиёт ва ҷалб шуданро ба кор медарорад. Ҳунарманд ба дарахт баромада шохаи дар тагаш будаpо мебурад, агар маънои зарбулмасали кӯҳнаи халқиро бо таври визуалӣ инъикос намоем, ки он бо тарзи айён муносибатро ба муҳити атроф инъикос мекунад.

*Георгий Мамедов*

**Ҳафтаи синамои экологии Душанбе ва намоиши лоиҳаи NaturART. 22 – 26 апрел, дар театри ба номи Вл. Маковский баргузор мегардад.**

ОНҶОЕ, КИ ОДАМОН ВА ЭҶОДИЁТ ВОМЕХӮРАНД

www.bactria.net

Ҳайати муҳаррирон: Георгий Мамедов, Адриенн Рушка, Анна Басанова (сармуҳаррир)
Тарҷума: Фарух Кузиев, Толиб Бахромӣ, Адриен Рушка
Суратҳо: Ҷамшед Холиқов, Антон Рухлов.
Дизайни муқова: Антон Рухлов.

Шарикон:

## Маҳви бе саводӣ аз ширкати «Империя Музыки»

Дар воситаҳои хабари маълумоти дуруст, кушода ва бо адолат дар бораи он ки чӣ тавр ва аз ҳама муҳимаш артисти ҷавонро ба саҳна баровардан, чанд пул меистад мавҷуд нест. Бараваал хубтар мешуд, ки мафҳуми "артисти/гурӯҳи ҷавон"-ро ҷудо кунем. Дар санати мусиқӣ умуман ду навъи артистон вуҷуд доранд: касбӣ, ки барои онҳо саҳна кори тамоми умрашон ҳаст ва иштирокчиёни лоиҳаҳои «сунъӣ», ки бо продюсерҳо дар ҷои холӣ эҷод шудаанд.

Артистони касбӣ (мисол, мусиқичиёни классикии академӣ) аз айёми ҷавонӣ сар карда, бисёр ва хеле ҷиддӣ касби худро меомӯзанд, дар баланд бардоштани сатҳи ҳунари касбии худ бисёр кор мекунанд, доим баромад мекунанд – аввал дар назди устодони худ ва устодони ҳамсинфонашон, баъдан ҳамкурсонашон ва баъдан дар назди мардуми зиёд. Ҳамаи ин, навозандагони ҳақиқиро ба ҳаёти калон ва вазнини саҳнавӣ таёр мекунад. Ва бовар кунед, то навозандаро ҳамчун артисти саҳнаи калон номидан, даҳсолаҳо мегузаранд. Навозандаҳои дар ҳақиқат бо- истеъдод он суханеро, ки «ҳар чизе, ки аз Худо додашудааст, доимо инкишоф ва тараққӣ карданошонро талаб мекунад», ба худ ҳамчун аксиома мефаҳманд ва қабул мекунанд. Маҳз ҳаминро – Санъати бузург меноманд.

Дар хусуси равияи дуюм бошад, шартан онро "шоу-бизнес" меномем, дар он ҳамааш воқеан фаҳмо аст: пул + «артист» = пул. Нофорам ва бемаънӣ мебошад, ки пул дар ҷои аввал аст. Яъне аксари ин гуна артистон ва продюсеронӣ онҳо, сараввал на дар бораи сатҳи маҳорати касбӣ, балки дар бораи ба даст овардани фоидаи зуд ва тезтар машҳур шудан фикр мекунанд,. Илова бар ин, ҳамбастагии «пул+артист» аксар вакт машхуриро пайдо мекунад,, наинки даромад меорад. Аммо, ин ҳеҷ вақт дар бораи он ки Ӯ ситора ва артисти ҳақиқӣ мебошад, бо маънои пурраи ин ду мафҳум шаҳодат намедиҳад.
Фиреби бузург, ба худ баҳодиҳӣ.

Шумораи зиёди артистони корогозкунанда дар «шоу-бизнес» ба худ тасаввуроте ҳам надоранд, ки ба онҳо бо мусиқӣ машғул шудан, сароидан ва ё ба саҳна баромада, худро нишон додан тамоман мумкин нест. Аммо онҳо хеле собиткорона демо-сурудҳои худро сабт мекунанд, ба ин кор аксар вақт пули охирини худро сарф мекунанд, барои ба ҳар гуна продюсерҳо сабтҳои худро нишон додан, вақти худро ҳайф мекунанд. Ва чунин рафтор мекунанд, ки гӯё баҳои додаи онҳо ба эҷодиёти худашон, ки бо дастгирии хешону рафиқонашон қарор шудааст, ҳақиқати комил мебошад. Ба чунин "худкорон" як маслиҳат: агар шумо на хонда метавонед ва на асарҳои мусиқиро "дар сатҳи худатон" эҷод карда метавонед, пас ин корро аввалияти зиндагии худ накунед! Комилан чунин шуда метавонад , ки ҳамаи заҳматҳои шумо кори беҳуда, беистеъдод ва беоқибат мешавад. Ҳамҷоя бо ин, боз бо кори дигар машғул шавед, ки он барои зиндагии осудаи шумо имконият медиҳад. Ва он гоҳ вақт нишон медиҳад, ки оё шумо барои саҳна офарида шудаед ё не.

Асотирҳо дар бораи кори продюсерӣ

Ҳар як артист/мусиқичӣ воҳиди эҷодӣ мебошад. Ба ӯ маъмурҳои ҳамфикр лозим аст. Аз кори дақиқу дурусти артист ва маъмури ӯ, бисёр чизҳо вобаста ҳастанд. Занги аввалин ба продюсер – ин қадами аз ҳама муҳим мебошад, вале ин чиз алтернатива дорад. Сараввал бо тарзи алтернативӣ истифода кардан лозим: дар сайти ширкат ё продюсер ҳамавақт e-mail нависонда шудааст, ки артист ба он MP3, сурат ва тарҷумаи ҳоли худро фиристонида метавонад. Агар ки артист Интернет-сайти шахсӣ дошта бошад, хеле хуб мешуд, ба таври кӯтоҳ хоҳиш кунад, ки аз онҷо дар бораи эҷодиёташ маълумот гиранд ва ба сайти худ истинод диҳад. Агар ки Шумо қарор гирифтед, ки занг мезанед, пас бояд донед, ки продюсер котиби ширкат ва ё хати боварии ВКФ (вазорати корҳои фавқулода) нест. Муддати дароз гӯш кардани нақли шумо дар бораи нубуғӣ ва беҳамтоии шумо вазифаи ӯ нест. Вале ба худ иқрор шавед, охир маҳз барои чунин баҳо гирифтан шумо ба продюсер занг мезанед. Шумо зуд мехоҳед суханои боваҷд ва даъватро барои ҳамкории хеле бо муфид дар ҷавоб фаҳмед.

Чӣ қадар пул лозим, ки пул кор кунед?

### Бохтар_дар бораи санъат

Аз ҳеҷ кас пӯшида нест, ки барои ба аудитория санъати худро муаррифӣ кардан, ба артист бисёр кор кардан ва ба продюсер бошад дуруст пулҳоро, аксар вақт пулҳои дигаронро, сахмгузорӣ кардан лозим аст. Продюсер САРМОЯГУЗОР НЕСТ. Продюсер дар фаҳмиши россиявӣ - шахсе мебошад, ки бо ҷараёни пешбарии маҳсулот ба бозори саноати мусиқӣ роҳбарӣ мекунад. Вобаста аз он ки ӯ чӣ дараҷа маҳсулотро дуруст инкишоф медиҳад ва муаррифӣ мекунад, ҳамон қадар эҳтимолияти он зиёд аст, ки артист шунавандаи зиёди худро меёбад. Артист бояд тавсияҳои продюсер дақиқ иҷро кунад. Артист танҳо бо мусиқӣ кор мекунад ва қисми инкишофёбии эҷодиву мусиқии худашро худаш муаян карда метавонад.

Бе артистони бузург продюссерҳои бузург вуҷуд доранд.

Инак, продюсер сарпараст (спонсор) нест. Продюсер- барои ташкил кардани фаъолияти мусиқиву-тиҷоратӣ ёвари артист мебошад. Ҳатто таҷрибаи ҷаҳонӣ исбот мекунад, ки артистро танҳо продюсер намеофарад. Продюсеронро артистон бузург мекунанд. Нақши муаллифони сурудҳо ҳам охирин нест. Кристина Агилера бо исроркорӣ, босабрӣ ва кори зиёди худ исбот кард, ки агар ту артист таввалуд шудӣ, ҳатман артист мешавӣ - албатта, бо ёрии продюсер, устодон доир ба маҳорати оҳанг ва саҳна, муаллифон. Земфира, танҳо аз ҳисоби истеъдодаш, ғайриоддӣ буданаш ва фалсафааш пайдо шуд ва то ҳол вуҷуд дорад. Продюсерони зиёде, ки дар аввали роҳи эҷодии ӯ пайдо мешуданд – ин танҳо одамоне, ки барои муаррифӣ намудани эҷодиёти ӯ ба халқ, ЁРӢ доданд. Барои ин кор ба онҳо ташакури зиёд.

*Продолжение на стр* **4**

## Саёҳат дар “Дашти ваҳшӣ”

Филми Н. Калотизишвили “Дикое поле” (Дашти ваҳшӣ), ки беҳтарин навори 2008-ум сол дар Россия шинохта шуд ва боз бисёр унвону ҷоизаҳоро ноил гардид, дар ҳақиқат синамоҳангома номидан мумкин.

Ба назар менамояд, ки ҳар он чизе ки дар «Дикое поле» ҳаст, аллакай дар филмҳои дигар режиссёрон буд: фазои беохири саҳро дар «Урга»-и Н. Михалков; ҳикоягӣ ва медитатсионӣ буданаш дар филми А. Звягинсев “Изгнание” (Рондашуда); бераҳмӣ, майда будани одам ва бузургии табиат дар “Эйфория”-и И. Варипаев; харобии ҳаёти деҳот дар синеманигории солҳои 90-ум. Ҳатто касби духтур, ки яке аз касбҳои машҳуртарин дар синамои русӣ мебошад («Бумажный солдат» (Аскари коғазин) Алексей Герман, «Морфий» Балабанов), дар ин филм ҳам мавҷуд ҳаст: табибон ба услубҳои муолиҷакунии қаҳрамони филм механданд (муолиҷаи хуруҷи қалб бо оҳани тасфонидашуда, ҷарроҳии бо барори ҷузъи маҳватаи шикам бе истифодаи асбобҳо, таҷҳизотҳо, антибиотикҳо, ассистентҳо ва ғайра.). Шахсони ҳарбӣ ва шикорчиён дар ҳайрат меоянд, ки баъд аз захм гирифтан бо тири барои шикори хирс истифода мешуда ва силоҳи милиса (аз куҷо тапонча ба дасти ӯ пайдо шуд), чӣ тавр боз зинда мондан мумкин? Филм дарозмуддат мебошад. Аммо, дилгир кунанда нест. Ба ҳар он чизе, ки дар экран рӯй медиҳад бовар мекунӣ. Ва худро ҳамчун ҷузъи ин ҷамъияти одамон ҳис мекунӣ, ки бе давлат, бе тамаддун, бе фарҳанг ҳастанд ва бо азобу машақат дунёи нав месозанд. Дунёе, ки дар он ҳар кас, ба он чизе ки сазовор аст, ноил мегардад.



Режиссёри фаронсавӣ - файласуф Дюмин филми «Человечность»-ро (Одамнокӣ) ба навор гирифт, ки дар он табиии будани таҷовузкорӣ ва ҷинояткории одамро нишон медиҳад. Ва инчунин, раҳмдилиро ба васвосон (маньяки) ва маслуқони бо ахлоқ нишон додааст. Навори бо истеъдод аст, вале хунук аст ва ҳаяҷоновар намебошад. Бадӣ дар он ҳақиқӣ ва воқеӣ аст. Некӣ бошад, суст ва оҷиз мебошад. Бадӣ - ана ҳамин аст кашфиёт ва предмети андар расидани ӯ. Эҳтимол режиссёр кам бо он рӯ ба рӯ шудааст. Б. Дюмон ва тамошобини ӯ, дар дунёи дигар зиндагӣ мекунанд, дунёи ҳузуру ҳаловат ва беҳбудӣ. Гумон аст, ки ӯ ҷанг, гушнагӣ ва қашшоқиро дида бошад. Ӯ чӣ гунагии гум карданӣ бештари он чизҳое ки ту дӯст медоштӣ намедонад, яъне ватан, дӯстон ва муҳити муайянеро. Вақте ки зиндагии пешина, одатӣ ногаҳон нест мешавад ва навашро бошад бояд аз сар созӣ. Вақте ки одамон кореро на танҳо барои ба даст овардани пул, мансаб ва муваффақияти худ мекунанд. Танҳо барои он мекнанд, ки онҳо одам ҳастанд ва зиндагӣ кардан мехоҳанд. Ва ҳамаи чизҳои дигар ба як тараф мемонад, мисли пӯчоқ, ахлот. Ва ту дарк мекунӣ: кӣ ҳастӣ, баҳри чӣ зиндагӣ мекунӣ ва чӣ кор бояд кунӣ. Ва дунёи навро, инсонияти навро, ИНСОНИЯТИ ҲАҚИҚИРО месозӣ. “Дикое поле” ин филмнавор дар бораи некӣ мебошад. Духтур (Олег Долин) дар вайрона зиндагӣ карда, дар ҳақиқат маънии ҳастӣ ва зарурати худро эҳсос мекунад. Корманди милиса (Роман Мадянов) шахси расво, дағал, муҳити гирду атрофро ташкил мекардагӣ… мебошад. Ва бе ӯ намешавад. Ва бе ҳамаи онҳо дар хона-дашти умумиашон, намешавад.

Духтари дӯстдоштаи қаҳрамони филм бошад… Ӯ аз дигар дунё. Мисли Дюмон, вай ҳам дар биҳишти нав ҷои худро намеёбад. Аз ҳамин сабаб ӯ бояд равад.

Суханони асосии филм: «дар ин ҷо намемиранд», мебошад. Барои он ки ҳатто баҳри мурдан ҳам, фаҳмову дарккарда зиндагӣ мекунанд ва агар барои инсоният лозим бошад – аз нав бар мехезанд. Дар бобати аҷоибот дар дашт бошад… Ба онҳо ҳам бовар мекунӣ. Бовар мекунӣ, барои он ки дар Тоҷикистон даҳшати зиёди солҳои 90-умро аз сар гузаронидаӣ, кӯҳнаро пас мондаӣ. Ва зинда мондаӣ. Мӯъҷиза мебошад. Ба туфайли филм дақиқтар эҳсос мекунӣ, ки дар дунё беҳуда зиндагӣ намекунӣ.

*Дмитрий Егармин*

---

*Начало на стр 3.*

Аммо, чунин истеъдодро ба ӯ онҳо намедоданд. Продюсер метавонад бо кори ёфтани сармоягузор барои артист машғул шавад, аммо ин кор вазифаи мустақими ӯ нест. Аз рӯи хости худаш, продюсер метавонад пулҳои худашро сармоягузорӣ кунад, вале ин дар он вақт мешавад, агар ӯ дар артист имконияти 100% ва ҳаваси саравввал ҳунарманди касбӣ шуданро мушоҳида кунад, на мақсади зуд ба ҳаёти суньии ситораҳо даромаданро. Ба назар нагирифтан ва фаромӯш кардан лозим нест, ки маҳорат, дониш, таҷриба ва вақти продюсер ин ҳамааш пул ва сармоя мебошад, ки онро вай ба артист саҳмгузорӣ мекунад.

Хулоса бароред ва беақлӣ накунед

Ҷамъбаст карда, гуфтан мехостам, ки: ба артист албатта сармоягузорӣ кардан лозим, аммо, на ба истеъдод ва қобилияти корӣ, балки баҳри ба ҳар чӣ аудиторияи калонтар расонидани Эҷодиёт, ки артист бо он зиндагӣ мекунад. Ва боз якто қонуният: чӣ қадаре ки дар бораи артист «матбуоти зард» ва рӯзноманигорони харидашуда наменависанд, ҳамон қадар сатҳи ҳунари касбии ӯ баландтар мебошад. Агар артист маҳз бо Санъат зиндагӣ кунад ва сатҳи баланди кориро нишон диҳад, онгоҳ шахсияти ӯ, рӯзноманигоронро камтар ҷалб мекунад, барои он ки сатҳи дониши рӯзноманигорон хеле паст мебошад. Бовар кунед, ситораҳо дар соҳаи рӯзноманигорӣ нисбати соҳаи мусиқӣ боз ҳам камтар мебошанд.

*Табриз Шаҳидӣ, продюсер (Империя Музыки).*

Источник:
http://empireofmusic.ru/main.mhtml?Part=21&PubID=98

## Таъқиб ва куштор ... о пьесе «Безумие. Год 93»

Песаи «Безумие, год 93-й», ки дар Театри Драмавии Русӣ ба номи Вл. Маяковский бо Барзо Абдуразоқов гузошта шуда буд, барои ман на ҳамчун шуоъи бенури ҳақиқат дар торикии ҳаводиси дурӯғу риёкории воқеият мо мебошад, балки алангаи дурахшони ҳақиқат, ки аз он чашмҳо ба дард омаданд ва гушҳо вазнин шуданд. Ин тасвирот дар саҳна фарёди дили ҳунарманд буд, ки ба хомӯшӣ ва бепарвоии шаҳрвандони худ, ба беадолатиҳо ва бенизомиҳое, ки дар гирдуатроф рӯй медоданд дигар қаввати нигоҳ кардан надошт ва ӯ медонист, ки натиҷаи ин кор ба чӣ ҳолат расонида метавонад. Ду дунё, ду давра, як бадбахтӣ - халқи гадо, умедҳои фиребхӯрда, ноилоҷии тақдидкунанда.

Иҷрои нақшҳои актёронро мухтасару ва ҳам дар айни ҳол мукаммал карда чунин баҳо додан мумкин, мисле он ки Виктюк гуфта буд “Бовар мекунам!”. Режиссёр бо интихоби актёрон хато накард аст. Аз онҳо шиддати револютсионӣ хеле ҷиддӣ изҳор мешуд. Яке аз актёрон, ки нақши шайтонро мебозид, ҳатто маро каме тарсонид. Ҷавондухтари “Исёнгар” бошад, бо воситаи нутқи бисёр хуби саҳнавӣ, хеле ҳақиқӣ менамуд. Актёрони касбӣ хеле бошукӯҳ баромад карданд. Симона Корде – таҷассуми зане, ки аз эҳсоси гуноҳ ва даҳшати дар гирдуатроф буда ақлашро гум карда аст, бо беақлии худ якшуд. Ҳар як тамошобин, саркиссаро надониста ба худ тасаввур мекард, ки кадом воқеа бо ин зан рӯй додааст. Баромади Хуршед баҳои баландро сазовор мебошад, ки ӯ нақши Маратро иҷро карда буд. Ӯ, ки дар инъикос намудани ноумедии инқилоби «расвокарда» вазифадор буд, аз ӯҳдаи кори худ хеле хуб баромад. Дар вақти сухани охиринаш, ки дар он, ӯ ба тамошобинон неву, балки дар асл ба ҳамватанони худ муроҷиат мекард, духтараки дар назди ман нишаста ашки чашмонашро, ки аз Марат ҳам зиёдтар мерехтанд, пок мекард. Маҳз ҳамин қаҳрамони устоди ҳунар Барзу, паёми асосиро, ки дар песа ниҳода шуда буд инъикос мекард. Маҳз ба туфайли иштироки ҳамин қаҳрамон дар песа, Барзуро барои барзиёд револютсионӣ буданаш айбдор кардан мумкин нест, зеро Марат ба сари роҳи исёнгарон баромад ва онҳоро аз зулми ситамгарон озод карда, бефоида будани чунин роҳро бо худ таҷассум кард. Марат ба мо муроҷиаткарда сухан дар бораи инқилоб намегуфт, баракс ӯ дар бораи он мегуфт, ки мо бо бепарвоии худ давлати худро бад мебинем. Ӯ ба мо даъват мекард то нишондиҳем, ки «мо бисёр ҳастем» ва ба Императори нав фаҳмонем, ки вай ҳам «Шоҳи урёни» навбатӣ мебошад.

Мутаассифона, на ҳама инро дарк карданд ва акнун Барзу тақдири қаҳрамони спектакли худро бояд ҷудо кунад – Марати абадан таъқибшударо…Песа хеле аҷоиб мебошад. Мо аз самими қалб умед дорем, ки дар ояндаи наздик дарди актёрон шифо меёбад ва мо боз бо ин асари санъати театрӣ ҳаловат бурда метавонем.

*Фарух Кузиев*

**Бохтар_Арт Вижн**

## Приглашение к участию в экспериментальном фото-арт-ориентированном проекте «STILLS – серия визуальных концептов»

Куратор: Оксана Шаталова (Казахстан). Сокуратор: Борис Чухович (Канада)

Координатор и пиар-менеджер: Саша Шегай (Казахстан)

Консультанты: Улан Джапаров (Кыргызстан), Джамшед Холиков (Таджикистан)

Участники: фото-художники Центральной Азии

Поддержка: Институт «Открытое Общество», Будапешт.

Фотографы и художники фото-арта приглашаются к участию в проекте, цель которого - стимулировать нешаблонные способы представления фотографии, размыть границы между «традиционным фото» и актуальным искусством, привлечь интерес зрителей к современной фотографии, заложить основу для создания международной фотосети.

**Общие положения**

- Проект представляет собой открытый эксперимент, совмещающий коллективный и индивидуальный подходы, аналитическое и образное мышление (идея корреспондирует с работой «Визуальные переводы гуманитарных концептов» исследователей из Канады и Великобритании (Д. Симеони, А. Нус, Б. Чухович).
- Проект включает: создание трех «коллективных» мультимедийных слайд-шоу и их презентации в столицах региона; публикацию слайд-шоу в формате DVD и распространение в культурных институциях; итоговую выставку.
- На веб-сайте проекта (стартует в мае-июне 2009 года) размещаются все фото, участвующие в слайд-шоу, и информация об авторах. Сайт запланирован как база для создания фото-сети «STILLS», площадки для творческого обмена фото-артистов и основы будущих проектов.

Одна из перспектив – участие (по итогам проекта) в Монреальской фото-биеннале 2011.

**Темы**

***1.*** *Аттрактивность* (ключевые слова: шоу, эффектное, открытое, сенсационное). **Дедлайн предоставления работ**: 21 **июня** 2009 **г.** (**включительно**). Выставка «Аттрактивность»: август 2009, г. Алматы.

2. *Локальность* (контекст, репрезентация, экспортность, экзотика). **Дедлайн**: 21 **сентября** 2009 **г.** Выставка «Локальность»: октябрь 2009, Душанбе.

3. *Энтузиазм* (самодеятельность, бескорыстие, пафос, «искусство на коленке», «хоум видео»). **Дедлайн**: 25 **ноября** 2009 **г.** Выставка «Энтузиазм»: декабрь 2009, Бишкек.

Предложения-заявки в соответствии с датами дедлайна просьба высылать по электронной почте на адрес photoart-stills@gmail.com

*Дополнительная информация у координатора выставочных проектов Джамшеда Холикова*

## Фарҳанги анъанавиро муҳофизату эҳё намудан ва ба он зиндагии нав бахшидан лозим.

*Ҷодаи эҷодӣ шавқовар ва бо маҳсул мебошад. Ва чун ҳар як роҳи интихоб намудаи ҳаёт, дар он монеъаҳо вуҷуд дорад. Баъзан вақт дар он ба осони меравӣ ва баъзан вақт роҳ рафтан хеле вазнин аст... Аммо мушкилиҳо пайраҳаи навро ба вуҷуд меорад, ки он рост ба мақсад мебарад.*

Муҳофизат – ин пайраҳаи якум мебошад, ки ба эҳёи шакли қадимаи санъат – ба ҳунармандӣ мебарад. Соҳаи ҳунармандӣ намояндаи моддии фарҳанги ҳар як халқ мебошад. То ҳол муҳимият ва арзиши санъатии ҳунари халқӣ қадр карда нашудааст ва проблемаи нигоҳдории моликияти фарҳангии онҳо ҳал нашудааст. Зеро маҳз фарҳанги анъанавии давлати мо, ки аз қадимул айём оғоз ёфтааст, сарвати миллии халқ мебошад. Аз зарби кам таҷрибагиаш, бевоситагии шаҳрвандонаш, ки аз комёбиҳои фарҳанги ҷаҳонӣ кам шинос ҳастанд ин намуди санъат ҳоло ҳам хеле воқеӣ мебошад. Аммо, дар ин ҷо ҳам, он бо истеҳсолоти фабрикаву-заводҳо, бо маҳсулоти бисёрнусхаи бесифат аз байн баромада истодааст. Бо ҳамин табъҳо ва арзишҳои эстетикии бардурӯғ ба оддат даровварда шуда истодааст. Ва чӣ аз ҳама ганда, одамон ба оммавӣ харидори намудани маҳсулоти пастсифат оддат карда истодаанд ва дар айни ҳол аз хотир мебароранд ва ҳатто баъзан он маҳсули кори дастиро, ки бо тоқату истеъдод сохта шудааст, ҳамчун чизи бекора меҳисобанд. Чӣ тавр пас бояд нигоҳ дорем (муҳофизат кунем), вақте ки ҳамаи беназирӣ ва арзишаш ин хел озод ва бедарак аз хотир мебарояд. Дарк намекунем, ки гум кардани анъанаи фарҳангӣ ба гумкардани худшиносӣ баробар мебошад.

Ба ғайр аз ин, тадқиқи соҳаи ҳунармандӣ нишон дод, ки истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти ҳунармандӣ дар Тоҷикистон, назар ба дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ, на он қадар тарақӣ кардааст; маҳсулотҳои ҳунармандии тоҷикӣ потенсиали зиёд доранд ва ҳамчун манбаъи даромад барои ҳунармандон шуда метавонад; харидорони асосии маҳсулоти ҳунармандиро дар Тоҷикистон меҳмонони хориҷӣ ташкил медиҳанд, ҳоло он ки андозаи харидорони ватанӣ тақрибан 5%-и аҳолии кишварро ташкил медиҳад; яке аз проблемаҳои асосии ҳунармандон набудани иттилоот дар бораи бозор, таълими касбӣ ва тиҷоратӣ мебошад, ки ин ҳама ба сифат ва имкониятҳои рақобатии маҳсулотҳои ҳунармандии Тоҷикистон, барои рақобат намудан бо ҳамин гуна маҳсулотҳо аз Қазоқистон, Ӯзбекистон ва дигар давлатҳои хориҷи наздик буда, аҳамияти манфӣ мерасонад.

Нигоҳдоштани касбҳои ҳунармандии халқиву-санъатӣ, пеш аз ҳама, бо инкишоф ва дастгирӣ намудани ин соҳа дар ҳар гуна шаҳрҳову минтақаҳои Тоҷикистон вобаста мебошад. Мисол, касбҳои шаҳрҳои қадими Хуҷанд, Кӯлоб, Конибодом ва дигар ноҳияҳо аз якдигар ва аз пойтахт ҷудо мемонанд, ва маҳсулоти онҳо бошад, бо сабаби дурии роҳ кам оварда мешавад ва аз ҳамин лиҳоз аксарияти аҳолии муосир хусусиятҳо ва навъҳои онҳоро намедонанд.

Барои аз нав эҳё намудани соҳаи ҳунармандӣ, чорабиниҳои зеринро пешбини кардан лозим:

<u>Сифати маҳсулотҳои ҳунармандиро беҳтар намудан лозим:</u>

- ташкил намудани таълими касбӣ ва тиҷоратӣ барои ҳунармандони ҳозира ва оянда;
- сертификатсия ва индивидуализатсия намудани маҳсулотҳо, корҳо ва хизамтрасониҳои ҳунармандон;
- гузоштани мухри миллии сифатӣ барои маҳсулотҳои ватанӣ, ҳамчун марҳалаи аввалин барои иштирок дар конкурси байналхалқӣ доир ба нишонаи (мухри) сифатии ЮНЕСКО.

<u>Имкониятҳои гирифтани иттилоот ва васеъ кардани даромадро ба бозорҳои нав, барои ҳунармандони маҳаллӣ лозим аст:</u>

- ташкил намудани харитаи электронии ҳунармандии Тоҷикистон;
- сохтани веб-сайт барои ҳунармандон бо маълумот дар бораи касбҳои ҳунарӣ;
- барпо намудани ҳамкорӣ байни ҳунармандони осиёи миёна ва ташкилотҳои тиҷоратии байналхалқӣ.

<u>Барпо намудани шабакаи ҳунармандон дар Тоҷикистон:</u>

- барпо намудани марказҳои минтақавии дасгиринамоии ҳунармандон ва корхонаҳои ҳунармандӣ;
- роҳҳои инкишоф намудани ҳамкориҳоро ёфтан лозим аст, ва инчунин зарур аст, ки ҳунармандони боистеъдодеро пайдо намоем, ки аз сабаби оҷизӣ ва дур будани худ нонамоён ва қадр нашуда мемонанд;
- ҳамкориҳои зичро байни донорҳо, ташкилотҳои байналхалқӣ, иттиҳоди миллии ҳунармандон ва ҳукумат барпо кардан лозим аст.

Самтҳои афзалиятноки соҳаи ҳунармандӣ, бояд тайёр намудани маҳсулотҳои халқӣ бошад, ки барои қонеъ намудани талаботи рӯзмараъ, эстетикӣ ва ғайраҳо равона карда шавад. Ассотсиатсиҳои доир ба тайёр намудани маҳсулотиҳои ҳунарҳои халқиро аз нав эҳё намудан лозим, ки онҳо дар навбати худ эҷодиёти занҳоро ривоҷ диҳанд (як навъи марказҳои меҳнати хонагӣ) ва ба занҳои қишлоқ кӯмак намоянд, ки ба ҷомеа ва дунё адптатсия шаванд.

Чизҳои дар боло зикр шуда, зарурати дигар намудани муносибатро ба ҳунармандӣ, васеъ намудани имкониятҳои татбиқи истеҳсолоти соҳаи ҳунармандиро, барои вусъат намудани потенсиали инсонӣ ва рушд намоии он дар ҳар гуна самтҳо, муайян месозад.

Соҳаи ҳунармандӣ яке аз соҳаҳои муҳиме мебошад, ки имконияти таъмин намудани шабакаи васеъи корхонаҳои хурд ва баланд намудани шумораи ҳунармандони шахсиро доро мебошад. Имконияти ба ҳолатҳои гуногун мутобиқшавӣ ва зудҳаракат будани ин соҳа, барои ҳалли комплекси масъалаҳои хоҷагӣ ва иҷтимоӣ мусоидат мекунад ва аҳолиро бо ҷои корӣ таъмин карда метавонад. Инчунин барои одамони дорои хусусиятҳои гуногуни ақлӣ, имкониятҳои ҷисмонӣ, одамони дорои иштиёқи касбии гуногун, ҳам ҷои кори ва ҳам имконияти ба амал овардани потенсиали эҷодии онҳо, ёрӣ мерасонад.

Таҷрибаи чунин давлатҳо, мисли Олмон, Туркия, Ҳиндустон, ки дар он ҷо дар муҳити бозорӣ соҳаи ҳунармандӣ пурра қобилияти мавҷуд буданро исбот мекунад, ва ин ба хулоса меорад, ки бо мурури замон дар ҷомеа ва давлати мо ҳам ин соҳа мустаҳкам шуда метавонад. Дар Тоҷикистон сарфи назар ба он ки заминаи ҳуқуқӣ барои танзими соҳаи ҳунармандӣ вуҷуд надорад, вале бисёр одамон бо тайёр намудани маҳсулотҳои ҳунармандӣ машғул ҳастанд. Ҳамин тавр, дар ҳар гӯшаю канори кишвари мо, маҳсулотҳои беназири ҳунари халқиро дидан мумкин. Онҳо бо дастони одамоне сохта шудаанд, ки таърих ва анъанаи халқи худро ҳифз ва нигоҳ медоранд.

*Шабнам Шерматова*